# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02. - Таърихи ватанӣ) пешиҳод шудааст.**

Аҳаммият ва мубрамияти диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» дар он зоҳир мешавад, ки дар солҳои 1991-2021 соҳаи маорифи Тоҷикистон марҳилаҳои мураккаб ва ҳамзамон сарнавиштсоз, аз ҷумла аз буҳрони аввали давраи гузариш то ташаккули низоми муосири таҳсилот, мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ гардидани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва кредитиро аз сар гузаронид. Дар ин замина таҳқиқи таърихии ислоҳоти соҳаи маориф, бо фарогирии тамоми зинаҳои таҳсилот, дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалист. Муаллиф маҳз ҳамин заруратро ба назар гирифта, масъалаҳоро дар доираи васеъ ва мукаммал баррасӣ намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва таҳлили таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад пажуҳишгар кӯшиш намудааст, ки омӯзиши ислоҳоти соҳаи маориф дар замони истиқлол барои ин давраи таърихи халқи тоҷик нақши калидӣ дорад мавриди омӯзиш қарор диҳад. Дар ин замина, таҳқиқи мукаммали масъалаҳои ислоҳоти низоми маорифи мамлакат ва саҳми он дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро баррасӣ намудааст.

Аз нуқтаи назари методологӣ рисолаи мазкур дар асоси принсипи таърихият, усулҳои аёният, бартарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлил, мушоҳида, дедуксия, индуксия омода гардидааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ - хронологӣ ташкил медиҳад, ки баррасии он

иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа алоқаманд мебошад. Асоснокии интихоби ин чорчӯбаи хронологӣ аз он бармеояд, ки маҳз пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ соҳаи маориф ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардида, зарурати таҷдиди куллии мазмун, сохтор ва механизмҳои идоракунии низоми таълим ба миён омад. Соли 2021 ҳамчун нуқтаи ниҳоии таҳқиқ бо ҷамъбасти марҳилаи муайяни ислоҳот, қабули барномаҳои муҳимми давлатӣ ва гузариш ба марҳилаи нави рушди маориф муайян мегардад.

Дараҷаи таҳқиқ ва навгониҳои илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф аз доираи васеи сарчашмаҳо, санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои давлатӣ, паёмҳои Президент, маводи оморӣ, осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода бурдааст. Навгониҳои илмии кор дар таҳлили маҷмӯии тамоми зинаҳои таҳсилот дар давраи соҳибистиқлолӣ, арзёбии таърихии ислоҳот ва нишон додани хусусиятҳои миллии онҳо ифода меёбанд.

Сохтор ва мундариҷаи рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, панҷ боб, зербобҳо, хулосаҳои зербобҳо ва хулосаи умумӣ иборат мебошад. Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва пайдарпай тарҳрезӣ шудааст.

Муқаддимаи масъала, мубрамият, дараҷаи омӯзиш, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ ва асосҳои методологии таҳқиқро фаро гирифта, барои дарки самти умумии тадқиқот заминаи устувор мегузорад.

Дар боби якум масъалаҳои таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ оид ба таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон дар ду зербоб таҳлил гардида, аз ҷониби муаллифи рисола хулосаҳои илмӣ пешниҳод гардидааст. Дар он Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нишон дода

шудааст, ки, саҳми шахсии ӯро дар ислоҳоти низоми таҳсилот асоснок менамояд.

Дар боби дуюм фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодиву иҷтимоӣ, хусусиятҳои муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар замони истиқлол ба таври таҳлилӣ нишон дода шудааст.

Дар ҷамъбасти зербобҳои боби дуюми рисола муаллиф ба чунин хулосае меояд, ки асоси рушди давлат ва миллатро маориф ташкил медиҳад. Ҳамзамон қайд менамояд, ки таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи ҶТ қисми ҷудонашавандаи таърихи сарзамини тоҷикон аст, ки баррасии он яке аз проблемаҳои ҳалталаби рӯз ба шумор меравад.

Боби сеюм масъалаи ислоҳоти таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъсиси муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва ҷорӣ гардидани низоми таълими салоҳиятнокиро фаро мегирад, ки дар он камбудӣ, мушкилиҳои солҳои 90-уми асри XX ва рушди минбаъдаи соҳа аз солҳои 2010 бо факту рақамҳои далелнок оварда шудааст.

Боби чорум ба рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин ба масъалаҳои сифати таълим ва таъминоти кадрӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бахшида шудааст, ки аҳаммияти амалии он хеле назаррас мебошад.

Дар боби панҷум равандҳои ислоҳоти таҳсилоти олӣ ва гузариш ба низоми кредитии таҳсилотро бо истифода аз маводи фаровони оморӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад.

Дар рисола хулосаҳои ҳар зербоб ва хулосаи умумӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқро ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои илмии мантиқӣ овардааст.

Дар бораи арзёбии умумии илмӣ боя қайд намуд, ки кори илмӣ бо риояи талаботи корҳои таҳқиқотии илмӣ анҷом ёфта, сатҳи баланди таҳлил, асоснокии хулосаҳо ва истифодаи дурусти методологияро нишон

медиҳад. Забон ва услуби баён илмӣ буда, мавод ба таври возеҳ ва дақиқ пешниҳод шудааст.

Хулоса, бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ, дараҷаи баланди таҳқиқ, навгониҳои пешниҳодшуда ва арзиши амалии натиҷаҳо, кори илмии Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» сазовори баҳои мусбат мебошад. Диссертатсия, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00. –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02. - Таърихи ватанӣ) пешиҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои таърих,
мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ Абдурашитов Фозил Маматович

Имзои Абдурашитов Ф.М. -ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
таърих бостоншиносӣ, ва мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Гулғунча Қурбоналиевна

«10» 11 2025